*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 99 (4682) | ДУШАНБЕ, 7 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**Ҳафтуми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» бо кадрҳое, ки дар ҳайати роҳбарӣ ва фармондеҳии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ таъин гардиданд, суҳбат намуданд.**

Бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини якум-сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадӣ, муовинони фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷузъу томҳои воҳиди мазкур аз ҳисоби афсарони соҳибтаҷриба, хатмкардагони ду муассисаи олии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар, ки дорои маҳорати хуби фармондеҳию ташкилӣ, содиқу корозмуда мебошанд, таъин гардиданд.

Тағйироти кадрӣ, инчунин, сардорони отрядҳои сарҳадии вилояти Хатлон, ВМКБ, вилояти Суғд ва дигар воҳидҳои сохтории Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллиро фаро гирифта, ба ин вазифаҳои пурмасъулият афсарони ҷавону соҳибтаҷриба таъин гардиданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин воҳиди низомӣ ёдовар шуда, иброз намуданд, ки солҳои охир вазъи таъминоти Қӯшунҳои сарҳадӣ бо лавозимоти зарурӣ беҳтару хубтар гардида, шароити зисту зиндагӣ ва пешбурди хизмат низ шоиста ва ҷавобгӯи талабот аст.

- Вазъи таъминоти моддию техникии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар асоси талаботи оинномаҳои ҳарбӣ рӯз то рӯз беҳтар гардида, то Ҷашни 30-солагии таъсисёбии Қӯшунҳои сарҳадӣ, ки соли оянда пешбинӣ мешавад, бунёди иншооти замонавӣ, дидбонгоҳу отрядҳои сарҳадӣ ва дигар инфрасохтори зарурии соҳа бояд ба анҷом расад, - иброз доштанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Сарвари давлат, бо дарназардошти вазъи печидаю мураккаб ва пешгӯинашавандаи минтақа ва ҷаҳон, таъкид намуданд, ки ҳифзи сарҳади давлатӣ бояд тибқи низом ва санадҳои таъминкунандаи заминаҳои ҳуқуқӣ таъмин гардад ва ҳама гуна қонуншиканӣ дар сарҳад бояд бартараф карда шавад.

Бо таҳлилу баррасӣ аз ҳодисаҳои дар сарҳад рӯйдода, аз ҷумла қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, ҷинояткории муташаккил, убури ғайриқонунии сарҳад, муносибатҳои ғайриоинномавӣ, қочоқи молу маҳсулот ва пешгирӣ аз амалҳои террористию гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ, ба роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, дастурҳои мушаххас доданд.

«Сарҳадбон будан вазифаи пуршарафу муқаддасест, ки тинҷиву амонии давлат, якпорчагӣ ва рушди минбаъдаи он аз хизмати софдилонаю садоқатмандонаи шумо - афсарону сарбозони шуҷои Ватан сахт вобастагӣ дорад», - иброз намуданд Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

**www.president.tj**



## НОМАҲОИ ТАСАЛЛИЯТ

**Шашуми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Гурҷистон муҳтарам Саломе Зурабишвили номаи тасаллият ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Хонуми Олиҷоҳ!

Хабари ба ҳалокат расидан ва осеб дидани теъдоди зиёди одамон бар асари фаромадани ярч дар осоишгоҳи Шовии Гурҷистони дӯст боиси андӯҳи амиқи мо гардид.

Дар иртибот ба оқибатҳои фоҷиабори ин офати табиӣ таъзияву ҳамдардии самимии худро ба шумо, пайвандону наздикони фавтидагон ва мардуми дӯсти Гурҷистон изҳор намуда, ба ҳамаи осебдидагон шифои комил мехоҳам».

**Шашуми августи соли 2023 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон ҳодисаи фоҷиабор – садамаи нақлиётӣ рух дод. Автомашинаи боркаш бар асари нуқси техникӣ ба воситаҳои нақлиёти сабукрав ва ду манзили истиқоматӣ бархӯрд, ки дар натиҷа 10 нафар ҷони худро аз даст дода, чандин нафари дигар захм бардоштанд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хонаводаҳои ҳалокшудагон изҳори ҳамдардии амиқ ва ба захмиён шифои оҷил хостанд.

Роҳбари давлат, ҳамчунин, ба сохтору мақомоти дахлдор супориш доданд, ки ба хонаводаҳои ҳалокшудагон кумаки моддӣ расонида, барои табобати захмбардоштагон ва барқарор намудани хонаҳои зарардида тадбирҳои фаврӣ андешанд.

**www.president.tj**

## ИЗҲОРОТИ МУШТАРАКИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ТУРКМАНИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз номи давлатҳои худ, ки минбаъд «Ҷонибҳо» ном бурда мешаванд, бо назардошти азму талош барои таҳкиму пойдории таъмиқи минбаъдаи робитаҳои ҳамаҷониба дар заминаи дӯстӣ ва ҳамсоягии нек, умумияти таърихӣ, анъанаҳо, фарҳангҳо ва қаробати тамаддунии мардумони се давлат, бо итминони комил, ки рушду тавсеаи минбаъдаи муносибатҳо миёни се давлат ҷавобгӯи манфиатҳои аслии мардумони онҳо мебошад ва ба таҳкими сулҳ, субот, амният ва рушди устувор дар минтақа мусоидат мекунад, зимни таъкиди ҷонибдории муштарак аз таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар самтҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиёту боргирӣ, обу энергетика, экология, фарҳангу гуманитарӣ ва дигар соҳаҳои мавриди манфиатҳои тарафайн, баробари таъкиди алоқамандӣ ба усулу меъёрҳои асосии ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар Низомномаи Созмони Милали Муттаҳид низ дарҷ ёфтаанд, дар робита ба масоили зайл изҳори назар намуданд:**

Ҷонибҳо аҳамияти саъю кӯшишҳои муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистонро, ки ба хотири таъмини сулҳ, амният ва субот, таҳкими фазои боварӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ва минтақа анҷом медиҳанд, зикр намуданд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки минбаъд таҳкими ҳамкорӣ миёни давлатҳояшонро дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчунин дар заминаи дигар сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ идома хоҳанд дод.

Ҷонибҳо омодагӣ изҳор намуданд, то минбаъд низ дастгириашонро аз номзадҳои якдигар дар ниҳодҳои интихобии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ идома диҳанд.

Ҷонибҳо аз аҳамияти таҳкими ҳамкориҳояшон дар мубориза бо терроризму ҷудоихоҳӣ ва ифротгароӣ дар ҳамаи шаклҳо ва зуҳуроташон, ҳамчунин бо ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, киберҷиноятҳо, харидуфурӯши одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ ёдовар шуданд. Ба зарурати ҳамкориҳои муштарак дар мубориза бо ин чолишу таҳдидҳо таъкид намуда, ҳамчунин омодагии худро барои идомаи дастгирии байниҳамдигарӣ дар масоили мавриди манфиати умумӣ таъйид намуданд.

Зимни баррасии масоили муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, Ҷонибҳо аҳамияти ҳамкориро дар ин соҳа ва авлавияти таҳкиму густариши шарикии иқтисодӣ байни кишварҳо дар асоси усулҳои баробарҳуқуқӣ, судмандии мутақобила ва бо дарназардошти манфиатҳои якдигар тасдиқ намуданд. Ҷонибҳо дар бораи зарурати фароҳам овардани шароити мусоид ба хотири рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ байни кишварҳояшон муштаракан изҳори назар карданд.

Ҷонибҳо зимни зикри муҳимияти рушди ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, аҳамияти хосаи ҳамкориҳоро дар соҳаи интиқоли гази табиӣ, нафту маҳсулоти нафтӣ, ҳамчунин неруи барқ таъкид карданд. Дар робита ба ин Ҷонибҳо, бо такя ба таҷрибаи мусбати ҳамкории сеҷониба дар соҳаи энергетика, дар бораи дар нимсолаи дуюми соли 2023 баргузор намудани гуфтушунидҳо дар сатҳи роҳбарони идораҳои энергетикӣ бо мақсади баррасии имконоти фаъолияти муштарак дар соҳаи нафту газ ва неруи барқ ба мувофиқа расиданд.

Бо назардошти иқтидори азим Ҷонибҳо дар соҳаи нақлиёт, боргирӣ ва транзит, ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт аҳамияти хоса медиҳанд. Бо мақсади тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва истифодаи иқтидори транзитии се кишвар, Ҷонибҳо ба аҳамияти фаъолгардонии боркашонии гуногунсамт (мултимодалӣ) дар масири нақлиётии Тоҷикистон - Ӯзбекистон - Туркманистон, ки баромади се кишварро ба бандарҳои баҳрӣ, аз ҷумла ба баҳри Каспий ва халиҷи Форс, таъмин менамояд, таъкид намуданд.

Ҷонибҳо розӣ шуданд, ки ба ҳамкории бонизоми мутақобилан судмандашон, ки ба беҳсозии минбаъдаи тарофаҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли транзитии борҳои тиҷорати хориҷӣ нигаронида шудааст, идома диҳанд ва бо ин мақсад Ҷонибҳо ба роҳбарони идораҳои нақлиётии давлатҳои худ супориш доданд, ки онҳо то охири соли равон мулоқот доир намоянд.

Ҷонибҳо ба масъалаи рушди кооператсияи истеҳсолӣ ва саноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд ва ба вусъат бахшидани ҳамкории мутақобилан судманди дарозмуддат тавассути таъсиси корхонаҳои муштарак дар соҳаи бофандагӣ, химия, сохтмон ва ғайраҳо розигӣ доданд.

Ҷонибҳо аз фаъолият ва лоиҳаҳое, ки ба ҳавасмандгардонии муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва рушди тамоми инфрасохтори нақлиётию коммуникатсионие, ки барои некуаҳволии минтақа хизмат мекунанд, ҷонибдорӣ намуданд.

Ҷонибҳо зимни талошҳояшон барои афзоиши гардиши мол дар заминаи манфиатҳои муштарак, оид ба зарурати ба ташаккули услубу абзорҳои нави ҳамкорӣ бо истифода аз имконияти палатаҳои савдою саноат ва бахши хусусии давлатҳояшон ба мувофиқа расиданд. Ба зарурати рушди минбаъдаи ҳамкории мутақобилан судманд дар соҳаи савдои наздисарҳадӣ таъкид карданд.

Ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ба ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти озуқаворӣ ва кишоварзӣ тавассути рушди муназзами робитаҳо дар чаҳорчӯбаи комплексҳои агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз ҷумла бо мақсади афзоиши ҳаҷм ва тавсеаи интиқоли маҳсулоти кишоварзӣ ва озуқаворӣ ба бозорҳои дигар мамлакатҳо, такон бахшанд.

Ҷонибҳо барои баргузор намудани тадқиқот ва коркардҳои муштараки минбаъда дар соҳаи идоракунии босамар, ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои об, таъмини бехатарии иншооти гидротехникӣ, беҳбуди ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда, истифодаи самаранок ва навсозии зерсохтори хоҷагии об, ҳифз ва истифодаи такрории захираҳои об, аз ҷумла бо истифода аз имконоти мақомоти ваколатдори минтақавӣ, ба мувофиқа расиданд.

Ҷонибҳо зимни таъкиди аҳамияти иншооти мавҷуда ва сохташавандаи гидроэнергетикӣ барои мусоидат ба ҳалли масъалаҳои обу энергетика ва дастрасӣ ба устувории иқлим дар ҳавзаи дарёи Ому, ҷонибдории худро аз таҳкими ҳамкории судманди кишварҳо оид ба истифодаи ҳамаҷониба ва оқилонаи об бо назардошти манфиатҳои давлатҳои худ баён намуданд.

Ҷонибҳо дар баробари зикри муҳимияти идомаи муколамаи созанда оид ба масъалаҳои обу энергетика, ба аҳамияти афзалиятноки истифодаи оқилонаи захираҳои обии дарёи Ому таъкид карданд. Дар ҳамин ҳол, зарурати такмили минбаъдаи воситаҳои ҳамкории бисёрҷониба бо мақсади таъмини вокуниши муассир ба чолишҳои нав, аз ҷумла вобаста ба тағйирёбии иқлим ва афзоиши эҳтимолии фишор ба захираҳои обии дарёи Ому, таъкид гардид.

Ҷонибҳо аҳамияти таҳкими минбаъдаи ҳамкориро дар масъалаҳои сабук гардонидани таъсири оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мутобиқшавӣ ба онҳо, мубориза бо биёбоншавӣ, таназзули замин, обшавии пиряххо, ҳифзи муҳити зист, низоми огоҳсозии саривақтӣ, экология, ҳифзи гуногунии биологӣ, пешбурди лоиҳа ва барномаҳои умумӣ дар соҳаҳои мазкур, инчунин пешбурди ташаббусҳои муштарак, ки ҷавобгӯи манфиатҳои умумӣ дар чаҳорчӯбаи равандҳо ва механизмҳои ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошанд, таъкид намуданд.

Ҷонибҳо самтҳои афзалиятноки ҳамкориро дар соҳаи фарҳангу гуманитарӣ баррасӣ намуда, ба аҳамияти зиёди робитаҳо байни сохторҳои дахлдори давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, марказҳои тадқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, воситаҳои ахбори омма, ходимони фарҳанг ва санъат таъкид карданд.

**ш. Ашқобод, 4-уми августи соли 2023**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Раёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ дар вилояти Суғд озод намудани Пиракзода Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Пиракзода Ҳикматулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Раёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ дар вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 августи соли 2023, № 605**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҷабзода Н. Х.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Раҷабзода Насимҷон Холмурод бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 августи соли 2023, № 606**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба разведка озод намудани Хушвахт К. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Хушвахт Кишваршо Султон бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба разведка озод карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 августи соли 2023, № 607**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Пиракзода Ҳ.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Пиракзода Ҳикматулло муовини якуми фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Сарситоди Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 августи соли 2023, № 608**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба разведка таъин намудани Шоҳвализода Т. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шоҳвализода Тоҷиддин Саид муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба разведка таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 августи соли 2023, № 609**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Раёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ дар вилояти Суғд таъин намудани Умарзода У. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Умарзода Умар Сафар муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сардори Раёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ дар вилояти Суғд таъин карда шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 августи соли 2023, № 610**



## Раҷаббой Аҳмадзода: «ҲАТМАН БО ЖУРНАЛИСТОН ВОХӮРЕД»

**Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, ки таҳти роҳбарии раиси вилояти Суғд, муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода 1-уми августи соли 2023 баргузор гардид, журналистон аз раиси вилоят ба саволҳояшон посух гирифтанд.**

Аз посух ба саволи марбут ба татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати мамлакат маълум гардид, ки дар вилояти Суғд корхонаҳое бунёд мешаванд, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ ягонаанд. Инро дар мисоли коргоҳи истеҳсоли маводи полиграфии «Папирус» дидан мумкин аст, ки дафтару албомҳои истеҳсолкардааш на танҳо талаботи аҳолии вилоятро қонеъ мекунад, балки 70 фоизи маҳсулоти он содирот мешавад. То Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят 700 корхонаи саноатии нав бо 12000 ҷойи корӣ сохта хоҳанд шуд.

Дар нишасти матбуотӣ дар бораи корхонаҳои аз кормонда пурсон шуданд.

- Сабаби асосии бозистии корхонаҳо куҳна шудани технологияи истеҳсолот ва ба рақобати иқтисоди бозорӣ тобовар нашудани онҳо буда, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят бо ҷудо кардани маблағҳои қарзии имтиёзнок ният дорад барои эҳё шудани фаъолияти онҳо мусоидат кунад,- гуфт раиси вилоят.

Дар ҷамъомад роҷеъ ба коста шудани ҳусну қубҳи нишастҳои матбуотии сохторҳо сухан рафт. Масалан, сохтори барқтаъминкунии вилоят баъди гузаронидани ислоҳоти соҳа чанд муддат аст, аз баҳри нишасти матбуотӣ баромадааст. Масъулини ин ниҳод чунин баҳона пеш оварданд, ки нишасти матбуотиашон дар маркази ҷумҳурӣ барпо карда мешавад.

- Шумо сохтори муҳими давлатӣ ҳастед. Хусусан бо ҷурми баъзе аз масъулони бемасъулияти шумо интиқоли қувваи барқ гоҳу ногоҳ бе огоҳии пешакӣ қатъ карда мешавад. Бар асари он соҳаҳои обтаъминкунии вилоят, хоҷагиҳои деҳқонӣ зарари ҷиддӣ мебинанд. Шумо бояд ҳатман бо журналистон вохӯред ва ба саволҳояшон ҷавоб диҳед, - дастур дод Раҷаббой Аҳмадзода.

Вобаста ба вазъият дар минтақаҳои наздисарҳадии вилоят бо Ҷумҳурии Қирғизистон Раҷаббой Аҳмадзода чунин гуфт:

- Мо вазифадорем, ки новобаста аз ҳодисаҳои гузашта оини ҳамсоядориро риоя кунем. Ҷониби Қирғизистон низ дар ҳамин мавқеъ аст. Дар мулоқоти навбатӣ роҳбарияти вилояти Бодканди Қирғизистон гуфт, ки «муносибатҳоямонро аз саҳифаи наву тоза оғоз мекунем». Мо ба чунин мувофиқа расидем, ки бозорҳои наздисарҳадиамон низ бонавбат фаъолияти худро эҳё кунанд.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**




## БАРРАСИИ БЕШ АЗ 62 ЛОИҲАИ САНАДИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**- Таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар нимсолаи аввали соли 2023 бо супориши мақомоти болоӣ ва ташаббуси маркази зикршуда 4 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муайян намудани мақомоти васояту парасторӣ», лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ба номи шахси ҳуқуқӣ дохил кардани ишора ба номи пурра ё мухтасари расмӣ (номи давлат), инчунин ворид намудани чунин нишондод ё унсурҳои рамзҳои давлатӣ дар унсурҳои ҳуҷҷатҳо ё маводи рекламавии шахси ҳуқуқӣ» ва дигар лоиҳаҳо идома дода шуд, - изҳор дошт якуми августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Изатулло Саидзода.**



Бо мақсади дар амал татбиқ намудани консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ 4 нақшаи чорабинии дохилиидоравии маркази мазкур таҳия, тасдиқ ва амалӣ гардиданд. Дар ин давра дар Маркази миллии қонунгузорӣ аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо 62 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор гирифт. Дар таҳияи самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, 140 мавзӯи дахлдор бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия ва дар сомонаи расмии марказ ҷой дода шуд.

Гузаронидани таҳқиқотҳои илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ яке аз вазифаҳои асосии ин ниҳод ба ҳисоб рафта, дар ҳамин замина, кормандони он 60 мақолаи илмӣ-оммавӣ ва машваратҳоро дар мавзӯъҳои гуногун таҳия намуда, дар маҷаллаҳои илмии ватанию хориҷӣ ва дар сомонаи расмии марказ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр намуданд.

Ҳамчунин дар нимсолаи аввали соли равон 2 таҳқиқоти муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» ва «Дар бораи экспертизаи экологӣ» бо қонунгузории ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон, Беларус, Туркманистон ва Федератсияи Россия, гузаронида шуд.

Ҳамчунин, маълум гардид, ки самти дигари фаъолияти маркази мазкур ба роҳ мондани таъсиси нашрияи чопӣ ва фаъолияти нашриявӣ ба ҳисоб рафта, барои амалишавии он маводи зерин, аз ҷумла маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ», тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ», «Дар бораи ислоҳоти замин» (нашри аввал) ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (нашри аввал), нашр гардиданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## БАНАҚШАГИРИИ 19 МИНТАҚАИ АЛОҲИДАИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ АНҶОМ ЁФТ



**- Кумита бо мақсади таъмини зилзилатобоварии биною иншоот, пас аз ҳодисаи дар давлатҳои Туркия ва Сурия рухдода, барои санҷиши мехсутуну асосҳои бино ва иншоот дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, озмоишгоҳи махсусгардонидашуда бо таҷҳизоти муосири замонавии истеҳсоли Федератсияи Россияро таъсис дод. Санҷиши мехсутунҳо дар майдони сохтмонӣ, тибқи талабот, тартиб ва меъёру қоидаҳои сохтмонӣ амалӣ карда мешавад, - гуфт раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низом Мирзозода, 2-юми августи соли ҷорӣ дар нишасти матбуотӣ.**

Номбурда афзуд, ки мақсади асосии санҷиш, муайян намудани қобилияти борбардории мехсутунҳо мебошад, ки баъди санҷиш бо натиҷаи ҳисоби конструктивӣ муқоиса карда мешавад.

Чун яке аз самтҳои асосии фаъолияти кумитаи мазкур таъмини шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо нақшаҳои генералӣ ва нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳал аст, масъулин иттилоъ доданд, ки айни замон, 65 маркази шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ пурра бо нақшаҳои генералӣ таъмин мебошанд.

Зикр гардид, ки тасҳеҳи нақшаҳои генералии шаҳрҳои Норак, Леваканд ва ноҳияи Вахш аз ҷониби ҶСК «Шаҳрофар» пурра ба анҷом расида, ҳоло дар мувофиқасозӣ бо вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд.

Бо мақсади иҷрои дастуру тавсияҳои Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳоло лоиҳаҳои муфассали банақшагирии 19 минтақаи алоҳидаи шаҳри Душанбе, аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ пас аз такмилдиҳӣ ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар шакли чопӣ ва электронӣ ирсол гардида, тибқи тартиби амалкунанда, пас аз баррасӣ дар Шӯрои шаҳрсозии кумита ба шаҳрдорӣ пешниҳод карда шуданд.

Дар ин росто, гуфта шуд, ки кумита нисбат ба лоиҳаҳои муфассали банақшагирии тасҳеҳталаб ва муҳлати амалашон ба охиррасида чораҳои дахлдор андешида, аз ҷониби ҶСК «Шаҳрофар» лоиҳаҳои муфассали банақшагирии маркази ноҳияҳои Ишкошим, Балҷувон, Вахш, Дӯстӣ, Ховалинг, шаҳрҳои Норак ва Леваканд, қисми марказии шаҳри Хоруғ таҳия гардид.

Айни ҳол таҳияи нақшаи генералии шаҳри Хоруғ дар таҳрири нав, лоиҳаҳои муфассали банақшагирии марказҳои шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Панҷакент, Варзоб, Исфара, Бӯстон, Шаҳринав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Сангвор, Хуросон, Муъминобод, Ҷайҳун, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа, шаҳраки Сомониёни ноҳияи Рӯдакӣ, қисматҳои алоҳидаи шаҳрҳои Бохтар ва Ваҳдат идома доранд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

## БОЛОРАВИИ НАРХИ МАҲСУЛОТ ПАЙВАСТА НАЗОРАТ МЕШАВАД



**Чоруми августи соли ҷорӣ муовини якуми раиси Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафаралӣ Қурбонзода нишасти матбуотиро оғоз бахшида, аз ҷумла чунин гуфт:**

- Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади рушд ва ҳимояи рақобат, танзими фаъолияти инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, назорати фаъолияти рекламавӣ ва танзими соҳаи энергетикаи барқӣ корҳои муайянро ба анҷом расонидааст.

Баъдан, мавсуф ба ҳозирин аз бобати самарабахш фаъолият намудани бозорҳои мол, субъектҳои хоҷагидор аз рӯи истеҳсол, истихроҷ, коркард ва воридоти молу маҳсулот, аз ҷумла маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ ва аз рӯи кору хизматрасонӣ ба Феҳристи субъектҳои хоҷагидорӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ мавқеи ҳукмфармоидошта, пешгирӣ ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, рушди рақобати солим, нархномаи истеҳсоли семент, маҳсулоти ширӣ, алоқаи мобилӣ ба тариқи фишурда иттилоъ пешниҳод намуд.

Дар идомаи нишаст С. Қурбонзода роҷеъ ба бозори воридоти гандум, хоса воридоти орд ва дар ин замина ташаккулёбии нархи ҳар як халта орд, воридоти шакар, равғани растанӣ, истеҳсоли тухм, доруворӣ, сӯзишворӣ (махсусан бензин, сӯзишвории дизелӣ, гази моеъ) ва омилу сабабҳои тағйир ёфтани нархи сӯзишворӣ дар бозори дохилӣ муфассал андешаронӣ намуд.

Дар нишаст ҳайати роҳбарият ва масъулини Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саволҳои зиёди журналистон, ки асосан ба болоравии нархи баъзе аз навъҳои маҳсулоти озуқаворӣ, иҷрои шартномаҳои тарафайни идораю муассисаҳои марбута, рақобатҳои беасосу бевиҷдонона, муайян намудани мавқеи ҳукмфармоии субъектҳои хоҷагидор, чигунагии таъсири ҷангу ноороромиҳои дунё ба арзиши аслии ин ё он маҳсулот, вазъи назорати хизматрасониҳои ширкатҳои алоқаи мобилӣ аз тарафи хадамот, баргузории мониторингҳо, пешгирию назорати ҳатмии болоравии нарху навои маҳсулоти ниёзи аввалия дар иду ҷашнҳои мардумӣ, чӣ гуна роҳандозӣ намудани назорати нархҳои мошинҳои кирокашӣ, сабукрави байнишаҳрию байниноҳиявӣ ва ғайра нигаронида шуда буданд, посухҳои қонеъкунанда доданд.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, Садои мардум»**

## ИМСОЛ ҲАМ ТЕЪДОДИ ДОВТАЛАБОН КОҲИШ ЁФТААСТ



**- Дар давраи асосии бақайдгирӣ, ки аз 1-уми март то 1-уми майи соли 2023 доир гардид, барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ 73 ҳазору 473 довталаби дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ аз қайд гузаштаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2022-юм 6867 нафар ё 8,55 фоиз кам аст, - иброз дошт директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сабзалӣ Ҷаъфарзода дар нишасти матбуотӣ, ки 3-юми августи соли ҷорӣ баргузор гашт.**

Шумораи мазкур 74,22 фоизи нақшаи қабули донишҷӯёнро дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои соли таҳсили 2023-2024 ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2022-юм ба 83,81 фоиз баробар буд. Аз шумораи умумии довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии номнависшуда 34 ҳазору 613 нафар ё 47,11 фоиз духтарон ва 38 ҳазору 860 нафар ё 52,89 фоизашон писарон мебошанд.

Тибқи иттилои масъулини ин ниҳод дар имтиҳонҳои марказонидашудаи Маркази миллии тестӣ соли ҷорӣ 63 ҳазору 637 нафар иштирок карда, аз ин шумора 63 ҳазору 150 нафар ба озмуни тақсимот роҳ ёфтанд. Имсол 59 ҳазору 123 нафар донишҷӯ шуданд.

Гуфта шуд, ки дар давраи дуюми бақайдгирӣ барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар соли 2023 (ИМД-2023) барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҳамагӣ 2715 нафар довталаб аз қайд гузаштанд, ки ин шумора нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 1200 нафар зиёд аст.

Дар ҳамин ҳол шумораи довталабони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (синфи 9-ум)-и дар давраи дуюми бақайдгирӣ барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ номнависшудаҳо 1049 нафарро ташкил доданд.

Зикр гардид, ки соли 2023-юм барои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тавассути имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар соли 2023 тибқи нақшаи қабули донишҷӯён 65 ҳазору 563 ҷой ҷудо гардидааст, ки он нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2022-юм 3225 ҷой зиёд аст.

Шумораи ҷойҳое, ки тибқи нақша дар соли 2023-юм барои қабули донишҷӯён дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум) тавассути имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар соли 2023 ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷудо гардидааст, 33 ҳазору 394 адад мебошад, ки он нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли 2022-юм 126 адад кам аст.

**Т. ҲАФИЗУЛЛОҲ, «Садои мардум»**

## ҲАНГОМИ РИОЯ НАКАРДАНИ ҚОИДАҲОИ ШИНОВАРӢ 87 НАФАР ҒАРҚ ШУДАНД



**4-уми августи соли 2023 зимни нишасти матбуотӣ раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Назарзода иброз дошт, ки дар зарфи шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 475 ҳодисаи фавқулодаи хусусияти табиидошта ба қайд гирифта шуд.**

Аз шумораи зикргардида 36 ҳодиса ба хоҷагии халқ зарари моддӣ расонид. Бар асари офатҳои табиӣ 39 нафар шаҳрванди кишвар ҷони худро аз даст доданд. Аз ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ 28 хона пурра, 73 хона қисман, 369 иншооти ёрирасон, 4 бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ, 6 пул, 2916,1 гектар замини кишт ва 404 километр роҳи мошингард хароб гардид.

Сарфи назар аз рейдҳои пайваста, дидору мулоқоти кормандону мутахассисони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода бо сокинон, муроҷиат аз тариқи телевизион, радио ва сомонаи кумита мутаассифона, дар иншооти обии кишвар одамон ҳангоми риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар вақти оббозӣ ба ҳалокат расиданд.

- Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар рӯду кӯлҳо ва каналҳои ҷумҳурӣ 87 нафар ҷон бохтанд. Аз шумораи ғарқшудагон 46 нафарашон кӯдакону наврасони то 16- сола ва 41 нафар аз 17-сола боло буданд, - гуфт Рустам Назарзода.

Дар идомаи нишасти матбуотӣ қайд гардид, ки бо мақсади омода намудани мутахассисони баландихтисос аз ҳисоби афсарони амалкунанда ва омӯзиш додани курсантҳо онҳо дар муассисаҳои олии омӯзишӣ дар хориҷ ва дохили мамлакат таҳсил мекунанд.

Тибқи нақшаи чорабиниҳои асосӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар байни аҳолӣ чорабиниҳои зерин гузаронида шуданд: 18 машқи маҷмӯии мудофиаи шаҳрвандӣ, 62 машқи фармондеҳӣ - ситодӣ, 57 машқи махсуси тактикии мудофиаи гражданӣ, 53 омӯзиши ситодӣ, 163 омӯзиши ғайринақшавӣ.

Ҳамчунин, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат як силсила тамрину омӯзишҳо оид ба пешгирӣ ва бартарафсозии паёмадҳои ҳолатҳои фавқулода баргузор карда шуданд.

**Ҳ. РАҲМОНАЛӢ, «Садои мардум»**

## ФАЪОЛИЯТИ 25 ГУРӮҲИ ҶИНОЯТӢ ҚАТЪ ШУД



**Директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода 2-юми августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ, аз ҷумла гуфт, ки дар нимсолаи аввали соли равон аз муомилоти ғайриқонунӣ 366 килограмму 785 грамм маводи нашъаовар мусодира гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45,6 фоиз бештар аст.**

Умуман, дар мамлакат 2 тоннаю 276 кг маводи нашъаовар мусодира шуд. Таъкид гардид, ки мусодираи афюн 50 фоиз, ҳашиш 15 фоиз, бангдона 51 маротиба, моддаҳои психотропӣ дар намуди хока - 4,4 ва ҳабҳои синтетикӣ 2,8 маротиба афзудааст.

Ин муддат аз ҷониби агентӣ 69 ҷиноят вобаста ба маводи нашъаовар ошкор гардида, фаъолияти 24 гурӯҳи ҷиноятӣ дар ҳайати 47 нафар ва гурӯҳи ҷиноятии муташаккил қатъ гардид. Аз 77 нафар ашхоси дар кофтукови ҷиноятӣ қарордошта 7 нафар дастгир шуд.

Тибқи оморӣ расмӣ, нимсолаи якуми соли равон дар мамлакат 4183 нашъаманд дар қайд аст, ки нисбат ба соли гузашта 254 нафар ё 5,7 фоиз кам мебошад.

Директори агентӣ, ҳамчунин, зикр намуд, ки 308 нафар шаҳрванди мамлакат барои ҷиноятҳои алоқаманди маводи нашъаовар дар кишварҳои хориҷӣ дастгир шудаанд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

## ФАЪОЛИЯТИ 353 АССОТСИАТСИЯИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ



**31-уми июли соли 2023 дар нишасти матбуотӣ директори Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зафарбек Давлатзода иброз намуд, ки бо мақсади бо оби обёрӣ таъмин намудани истифодабарандагон дар мавсими соли ҷорӣ идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳо дар майдони 548 ҳазору 273 гектар бо 62 ҳазору 540 истифодабарандагони об шартномаи додугирифтро ба имзо расонида шуд.**

Бо вуҷуди он ки идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ уҳдадориҳои шартномавиашонро дар назди истифодабарандагони об оид ба таъминот бо оби обёрӣ пурра иҷро карда бошанд ҳам, вале обистифодабарандагон, хусусан хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҳақи хизмати обрасониро сари вақт ва бо ҳаҷми пурра пардохт намекунанд. Бинобар ин қарздорӣ аз ҳисоби ҳақи хизмати обрасонӣ афзоиш ёфта, бақияи он бо назардошти солҳои пеш 168,3 миллион сомониро ташкил менамояд, ки ин дар навбати худ боиси афзоиши қарзҳои кредиторӣ, аз ҷумла қарзи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳамаи намуди андозҳо, гардидааст.

